“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., дотсент
_____________ Назарзода Х.Х.
“13” _августи_ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқат мекунад: банди 2. Молияи давлатӣ, ҳудудӣ ва маҳаллӣ, зербандҳои: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии беҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андозии бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи бунёди системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.20. Шаклдигаркунии низоми буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва амсилаҳои мутобиқсозӣ; 3.14. Назария, методология ва консепсияҳои бунёдии андозбандии субъектҳои хоҷагидор; 3.16. Мониторинги саҳми андозии субъектҳои хоҷагидор; 3.17. Таҳқиқоти вобастагии байни нарх ва андозбандӣ; 3.19. Назарияи қабули қарорҳо ва методҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва андозӣ; 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

## Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба ҳолати имрӯза ва самаранокии низоми андоз дар шароити дигаргунсозиҳо бевосита алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, масъалаҳои глобалии танзими гаронии андозҳо, дар илми иқтисодӣ нақши муҳимро дошта, таҳлилу баррасии он дар шароити имрӯза хеле мубрам мебошад. Дар шароити муосир андозҳо фишанги пешбарандаи иқтисодӣ ва ё садди роҳи рушди иқтисодӣ мегарданд. Масъалаи таъсири андоз ба иқтисодиёт ва рушди он дар шароити муосир, хусусан дар ҳимояи иқтисоди миллӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, танзими иқтисодҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хеле ҳассос гардида истодааст. Инчунин танзими андозҳо барои баланд шудани нархҳо, хеле нақши зиёд дорад ва айни замон, ки муаммоҳои таваррум ба иқтисоди миллӣ таҳдид доранд, ба ҳисоб нагирифтани саҳми онҳо, ҳангоми таҳлили болоравии нархҳо, боиси зиёд гардидани таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар маҷмуъ ба иқтисод мегардад.

Маълум аст, ки иҷрои вазифаҳои иқтисодии давлат ва амалишавии масъулияти ба зиммаи ӯ гузошташуда, аз мавҷудият ва рушди устувори манбаҳои *молиякунонии он* вобастагии зиёд дорад, ки барои фаъолияти пурраи тамоми шохаҳои он, сарчашмаҳои молиявӣ лозим буда, аз тарафи дигар, зиёдшавии гаронии андозҳо боиси паст шудани рушди иқтисодӣ мегардад. Дар ин самт нақши андозҳо ҳамчун фишанги танзимкунанда хеле муассир ба ҳисоб рафта, дар ҳолати ба инобат нагирифтани қонуниятҳои иқтисодии танзим, боиси вайрон гардидани мувозинати иқтисодӣ ва пайдоиши бӯҳронҳои системавӣ, коҳишёбии рушди соҳибкорӣ, вобастагии иқтисодӣ аз воридот ва ғайраҳо мегардад.

Танзими гаронии андозӣ фишанги муҳимми низоми андоз буда, зинаи пайвасткунандаи банақшагириву назорат ба шумор рафта, таркиби асосии раванди идоракунии андозҳо мебошад. Ҳадафи асосӣ, ин баробар намудан ё дар ҳолати мувозинатӣ қарор нигоҳ доштани манфиатҳои иқтисодии ҷамъият, иттиҳодияҳо ва манфиатҳои иқтисодии шахсӣ аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир, ҳар гуна низоми андозие, ки вобаста ба дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ, давлат онро танзим намекунад, боиси садди роҳи рушди иқтисодӣ мегардад, кишвари мо низ бояд аз ин таҷриба бархурдор бошад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, мавзуи мазкур вобаста ба мубрамияти он, нисбати дигар таҳқиқотҳо бо хусусияти аҳаммияти амалӣ ва ҷабҳаҳои назариявии он аз нигоҳи мактабҳои илмии классикиву муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, ба ҳалли мушкилоти назариявию методологӣ ва амалии танзими гаронии андоз дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ мусоидат менамояд. Ҳамчун навгониҳои илмии таҳқиқот, ки аз натиҷаҳои он бармеоянд, ин нуктаҳоро номбар кардан мумкин аст:

1. Бо назардошти омӯзиши таҳаввулоти назариявии гаронии андозҳо дар рисола нисбати истилоҳи мазкур назари ягона вуҷуд надорад, аз ин лиҳоз таърифи муаллиф бо назардошти гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун нишондиҳандаи нисбӣ ҳисоб карда шуда, ҳиссаи андозҳои ҳисобшударо дар даромади умумӣ тавсиф карда шудааст;

2. Дар рисола бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андозро дида баромада шуда, методикаи ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод гардидааст, ки ҳолати воқеии ҳисобро то дараҷаи муайян дар бар мегирад;

3. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ бо назардошти танзими гаронии андоз таҳлил карда шуда, механизмҳо ва воситаҳои нави муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз дида баромада шуда, истифодаи таҷрибаи Федератсияи Россияро дар дар низоми миллии андоз истифода намудан зарур дониста шудааст;

4. Танзими гаронии андоз бо назардошти арзёбии муносибатҳои институтсионалӣ муайян карда шуда, нақши мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор, барои назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет ва ҷорӣ намудани ислоҳотҳои андозӣ ҷиҳати коҳиш ва муътадил нигоҳ доштани гаронии андоз баҳо дода шудааст;

5. Дар рисола ҳолати сатҳи гарониии андоз вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян карда шуда, роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андозро бо назаардошти имтиёзҳои андозии хусусияти инфиродидошта дида баромада шуда, ба эътидол даровардани сатҳи гаронии андоз ва пардохти онро аз ҷониби шахс, қисман ва ё пурра озод менамоянд сурат гирифтааст;

6. Амсилаи эконометрикии коэффитсиентҳои таносуби ҷуфтшуда таҳия шуда, бо истифода аз он таъсири даромадҳои андозро аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ вобаста нишон дода, дурнамои даромадҳои андоз, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гаронии андоз ба сари андозсупорандагон муайян ва тавсияҳо барои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

## Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалии равишҳои методологии танзими гаронии андоз баррасӣ гардида, дар ин асос ҷанбаҳои асосии методии ҳисоб намудани гаронии андоз муайян карда шудааст, ки ин саҳми илмии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаҳои танзими гаронии андоз ифода мекунад. Таҳлили муҳтавои бобҳои алоҳидаи диссертатсия, ки дар онҳо масъалаҳои мубрами назариявию амалӣ ва методии танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудаанд, аҳаммияти илмии ҳалли мушкилоти гаронии андоз ва методикаи ҳисоби онро тасдиқ мекунад. Муаллиф асосҳои танзими андозии иқтисодиётро омӯхта, масъалаҳои танзими гаронии андозро коркард ва дурнамои рушди муносибатҳои андозиро таҳия намудааст.

Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашудаи институтҳои молиявӣ ва сохторҳои мақомоти андоз, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 194 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, дар он 29 ҷадвал, 15 расм ва 9 диаграммаҳо инъикос ёфтаанд.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст (саҳ. 4-13)

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию методии танзими гаронии андоз»** ном гирифта, унвонҷӯ дар он таҳаввулоти назариявии танзими гаронии андоз, асосҳои методии танзими гаронии андоз ва таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андозро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Зимни баррасии таҳаввулотҳои назариявии танзими гаронии андоз, унвонҷӯ ба он ақида аст, ки гаронии андозро нишондиҳандае ҳисобидан

мумкин аст, ки таъсири умумии андозҳоро ба андозсупоранда ва дар маҷмуъ иқтисодиёти кишвар нишон медиҳад. Яъне ҳамчун таносуби байни даромад ва пардохти андозҳо, дар давраи муайян ҳисобида мешавад. (саҳ. 15).

Аз ҷумла, қайд шудааст, ки мафҳуми гаронии андоз дар сатҳи хоҷагӣ, пеш аз ҳама, мафҳуми субъективист, ки ба таври мухталиф аз ҷониби олимону мутафаккирони соҳаи иқтисодиёт шарҳ дода шудааст. Дар ин самт метавон гуфт, ки мафҳуми гаронии андоз дар ҳар як давру замон, дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби олимону мутафаккирони соҳаи иқтисодиёт пешниҳод гардидааст. (саҳ. 19).

Ҳамзамон дисертатант ба он ақида аст, ки сатҳи гарони андозро то ҳадде коҳиш додан мумкин аст, дар ҳоле ки ислоҳоти низоми андоз дуруст ба роҳ монда шуда бошад ва он шароити муқаррарӣ, барои бахши воқеии иқтисод фароҳам меоварад. Дар ин раванд, гаронии андоз бо сабаби васеъ гардидани заминаҳои андоз, содагардонӣ ва кам намудани номгӯи андозҳое, ки соҳибкорон пардохт мекунанд, паст мегардад.

Мусалам аст, ки рушду нумуи иқтисодиёти давлатро асосан сатҳи гаронии андоз муайян мекунад. Хароҷоти давлат баҳри идоранамоӣ, мудофиа, ҳалли барномаҳои иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва ғайра боиси дарёфти сарчашмаҳои нави даромад дар буҷети давлатӣ мегардад, ки дар натиҷа ба болоравии сатҳи гаронии андоз дар низоми андоз оварда мерасонад.

Дар баробари ин, таъсири равонии истифодаи мафҳумҳои «гаронии андоз» ва «вазнинии андоз» мушоҳида карда мешавад. Ба ақидаи унвонҷӯ гаронии андоз ҳамчун бори вазнине баромад мекунад, ки андозсупорандагон маҷбуранд ба дӯш гиранд, зеро давлат тавассути қонунгузорӣ андозҳоро ҳамчун уҳдадорӣ пешниҳод намудааст. Вазнинии андоз бошад, ҳамчун пардохти як қисми даромади андозсупорандагон бо мақсади иҷрои уҳдадории онҳо ифода карда мешавад. (саҳ.33).

Ҳамзамон аз ҷониби дисертант усулҳои ҳисоб кардани гаронии андоз нишон дода шудааст, ки истифода аз он дурустии муайяннамоии сатҳи гаронии андозро таъмин намуда, дар банақшагирии андозҳо аз ин усулҳо метавонем истифода намоем (саҳ.48). Яъне ба инобат нагирифтани сатҳи гаронии андоз метавонад руҳияи андозсупорандагонро коста гардонад ва қонорагирию саркашӣ намуданро дар миёни андозсупорандагон ба вуҷуд орад.

Ҳамзамон дар таҳқиқот бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ таҳлилҳоро дар байни давлатҳои ИДМ, СҲИР, Осиё, Амрикои Лотинӣ ва Африқо гузаронида, тавсияҳои доир ба истифоданамои таҷрибаҳо дар низоми миллии андоз пешниҳод намудааст.

**Боби дуюми диссертатсия, ки «Ҳолати муосир ва асосҳои институтсионалии танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

номгузорӣ гардидааст. Унвонҷӯ ҳолати муосири танзими гаронии андоз, асосҳои иститутсионалии танзими гаронии андоз ва мушкилотҳои танзими гаронии андозро таҳлил намуда дар натиҷаи он вазъи муосири низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилотҳо ва самтҳои рушди минбаъдаи низоми низоми андоз баҳогузорӣ гардида, қайд менамояд, ки ба сифати иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ шуруъ аз андозсупоранда то ба мақомотҳои ваколатдор дар самти танзими муносибатҳои андозӣ дохил мегардад.

Унвонҷӯ тавассути таҳлилҳои гузаронидашуда пешниҳод менамояд, ки вазъи кунунии низоми андози миллӣ таҳлили пурраро мехоҳад, аз ҷумлаи он масъалаҳое, ки зери назорати таъсири андозҳои баланд ба миён меояд ва сатҳи аз ҳад зиёди андозҳо падидаи манфӣ буда, боиси пастравии истеҳсолот, ҷамъ шудани пасандозҳо, суст шудани самараи меҳнатӣ ва сармоягузорӣ, инчунин ҳолати пинҳон доштани даромад ва беқурбшавӣ мегардад. (саҳ.71)

Омили асосии ба эътидол даровардани гаронии андозро дисертант дар пешниҳоди дурусти имтиёзҳо мебинад. Яъне татбиқи дурусти имтиёзҳои андозӣ омили асосии рушди иқтисоди миллӣ ва ба эътидол овардани сатҳи бори андоз дар кишвар мегардад. Унвонҷӯ ба он назар аст, ки ҳавасмандгардонӣ тавассути додани имтиёзҳо сурат мегирад ва он ба ташаккули низоми ҳуқуқии андоз таъсир мерасонад. Ҳамзамон ба ақидаи унвонҷӯ аз коҳиш додани меъёри андоз, алалхусус фаъолияти соҳибкорӣ зиёдтар ҳавасманд мегарданд ва кӯшиш менамоянд, ки шаклҳои нави фаъолиятро ба вуҷуд оварда, фаъолияти худро васеъ намоянд, ки ин ҳолат яке аз қадамҳои устувор дар роҳи баланд гардидани суботи иқтисодӣ хоҳад буд.(саҳ.103).

Нодида гирифтани асосҳои институтсионалӣ боиси қонуншиканӣ дар соҳаҳои дигар мегардад. Диссертант чунин меҳисобем, ки мақомотҳои давлатиро мебояд, ки қонунҳои андози кишварро бознигарӣ ва ҳамоҳанг созанд, то ин ки афзалиятҳои кунунии рушдрӯ инъикос намояд. Ҳамчунин, баррасии минбаъда ва содагардонии сохтори мавҷудаи андозро барои аз байн бурдани андозҳои хурд (якҷоя бо ратсионализатсияи имтиёзҳои андоз) метавонад ҳам самаранокӣ ва ҳам адолатро дар фазои иқтисодиёт беҳтар гардонад.(саҳ.105)

Унвонҷӯ, мушкилотҳи танзими гаронии андозро мавриди баррасӣ қарор дода, таҳлили танзими гаронии андоз бидуни бунёди низоми муносибкунонии самараноки андоз ғайриимкон мепиндорад ва ба он назар аст, ки дар баҳогузории иқтисодиёт, маҳз гаронии андоз яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. (саҳ.107)

Дар натиҷаи омӯзиши боби мазкур, ӯнвонҷӯ хулоса намудааст, ки мақомоти андоз, ки ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ ба

буҷет аз давраи Истиқлолияти давлатӣ то ба имрӯз якчанд марҳилаи инкишофро аз сар гузаронидааст, мебояд ки тамоми он роҳу усулҳоеро пайгирӣ ва татбиқ менамояд, ки баҳри сари вақт ҷамъоварии андозҳо мусоидат намуда ва ҳолати муътадили нигоҳ доштани сатҳи гаронии андоз оварда расонад.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Стратегияи танзими гаронии андоз дар шароити муносибатҳои бозорӣ»** самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои сиёсати андоз ва самтҳои паст намудани гаронии андозро дар шароити муносибатҳои бозорӣ баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки коста будани дониши андозӣ ва ҳуқуқи андозсупорандагон аз он ҷумла сатҳи огаҳии онҳо аз ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худ, имрӯз яке аз масъалаҳои ташвишовар гардидааст. Дар ҳолати маълумоти кофӣ надоштанашон нисбат ба давраи андоз, маблағи андозро сари вақт пардохт намекунанд, ки ин ҳолат вазнинии андозро ба миён меорад. Унвонҷӯ ба он назар аст, ки баҳри баланд бардоштани савияи дониши андозсупорандагон вобаста ба масъалаҳои андозу андозбандӣ, Кумитаи андозро мебояд, ки пайваста чораҷӯӣ намуда, пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, тавзеҳот ва гузаронидани семинар-машваратҳо ва шаклҳои дигари корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ баргузор намояд. (саҳ.125)

Ҳамзамон, унвонҷӯ дар доираи боби мазкур роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон дода, тадбирҳои дахлдор муайян намуда, пешниҳод менамояд, ки имтиёзҳо ба таври инфиродӣ таъин ва ба нафароне пешниҳод гардад, ки онҳо ҳақиқатан эҳтиёҷ ба он доранд. Инчунин соҳаҳои алоҳидаи фаъолиятро ба назар гирифтан бамаврид аст. Агар имтиёзҳо дар давоми соли ҳисоботӣ татбиқ карда шавад, муайян карда мешавад, ки он ба рушди соҳа то чӣ андоза таъсир расонидааст. Инчунин дар доираи барномаҳои давлатӣ додани қарзҳо бо фоизҳои нисбатан паст, ки омили муассири сатҳи болоравии фаъолияти соҳибкорӣ аст, бояд ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон самараи имтиёзҳои андозиро ба рушди фаъолияти соҳаҳо ташбеҳ дода, таҳлилҳо гузаронидааст. Аз рӯйи ҷадвалҳои таҳлилии унвонҷӯ маълум гардид, рушди маҷмуи маҳсулоти дохили дар муддати ёздаҳ сол, яъне аз 24707,1 млн. сомонӣ дар соли 2010 ба 115739,4 млн. сомонӣ дар соли 2022 баробар гашта, ҳудуди 4 маротиба афзун гардидааст. Яъне рушди иқтисоди миллӣ дар ин давра бо суръати кайҳонӣ баланд гардида, сатҳи гаронии андоз ба эътидол даровардa шудааст. (саҳ.154)

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқотро** истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимод будани маълумотҳо, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ менамояд.

Дар хулоса ва тавсеаҳо ҷиҳати татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокиии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсия дар маҷмуъ аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва мантиқи пешниҳоди худ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои зикршудаи таҳқиқот мувофиқат мекунад.

Дар рисола масъалаҳои самтҳои асосӣ вар роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан дуруст баррасӣ шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии андозҳоро бо натиҷаҳои амалия баррасӣ намуда, оид ба такмили таъминоти методии танзими гаронии андоз таклифҳои асоснок ба миён гузоштааст.

Бо арзёбии дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, бояд қайд кард, ки дар ҷараёни кор дар диссертатсия миқдори зиёди монографияҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти расмии омори Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботҳои мақомотҳои сохтори давлатӣ истифода гардидааст.

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии назариявӣ ва методҳои танзими гаронии андоз дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир мегардад. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо бо мақсади танзими гаронии андоз ва такмили низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти маъмурикунонии андоз метавон истифода намуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои рафъи мушкилиҳои танзими гаронии андоз дар шароити муосир коркард шуда, самаранокии низоми андоз дар буҷет баланд бардорад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти андоз истифода гардад. Муқарраротии назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура истифода мешаванд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ таҳқиқот аз он иборат мебошад**, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди иқтисодиёти кишвар ва суботи он расонад. Ҳамзамон бо истифода аз натиҷаҳои бадастомада фазои сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ рушд намуда, корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ дар кишвар ташкил гардад.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст**, ки аз ҷониби андозсупорандагон саркашӣ ва пинҳон намудани объектҳои андозбандӣ кам гардида бар ин васила иқтисодиёти пинҳонӣ коҳиш меёбад. Инчунин шаклҳои нави фаъолиятҳои соҳибкорӣ ба вуҷуд омада, шаҳрвандон соҳиби ҷойҳои нави корӣ мегарданд ва сатҳи иҷтимоиёти хонаводагӣ баланд мегардад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 14 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 9,88 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст, ки фарогири ҳамаи бахшҳои диссертатсия мебошанд. Баъзе паҳлуҳои мавзуи таҳқиқот дар конференсияҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд.

Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Дар матни автореферат муқаррароти асосӣ, муҳтаво, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот пурра инъикос гардидаанд. Муҳтавои автореферат ва муқаррароти асосии диссертатсия бо ҳам мувофиқ мебошанд.

### Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи тақризшаванда тасдиқ мекунад, ки Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович ҳамчун мутахассиси соҳаи молия ташаккул ёфта, кодир ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои асосии назариявию амалии ин соҳа бошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ихтисоси илмии интихобкардаи ӯ мувофиқ аст. Тахассуси илмии довталаб ба талаботи бандҳои 21 ва 22 тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзи масъулиятшинос, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид кард.

### Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:

Дар таҳқиқоти илмӣ новобаста ба афзалиятҳои ошкоргардидаанд баъзе камбудиҳоро дидан мумкин аст, ки хусусияти тавсиявӣ доранд.

1. Дар самти мавзуи тақризшаванда зиёд олимони ватанӣ низ таҳқиқот бурдаанд. Дар диссертатсия фикр мекунем, ки на ҳамаи корҳои илмии олимони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд;

2. Дар зербоби 1.1 муаллиф таҳаввулоти назариявии танзими гаронии андозро (саҳ. 14-31) мавриди омӯзиш қарор додааст. Агар таснифоти муаллифии танзим гаронии андоз ба тариқи расм инъикос мегардид, фикр мекунем, ки сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид;

3. Дар ҷадвали 1.2.2. таҳлили усулҳои ҳисоб кардани гаронии андоз (саҳ. 46) аз рӯйи олимони хориҷӣ оварда шудааст, хуб мешуд, ки муаллиф усули муносиби худро барои ҳисоб кардани гаронии андоз пешниҳод менамуд;

4. Дар диссертатсия тартиби ҷадвалҳо тибқи шакли муайян сурат мегирифт, боз ҳам сифати он беҳтар мегардид;

5. Дар зербоби 1.3. таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андоз (саҳ. 50-66) дида баромада шудааст. Мутассифона муаллиф бодарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти кишвар қобили қабӯл будани истифодаи таҷрибаи кишвари мушаххасро нишон надодааст;

6. Дар боби дуюми диссертатсия (саҳ. 69) омилҳои ба гаронии андоз таъсиррасонанда оварда шудааст. Мутаасифона, таъсири омилҳои зикргардида аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок ва арзёбӣ карда нашудааст;

7. Дар ҷадвали 2.1.6. ҳадди миёнаи гарони андоз дар соҳаи фаъолият (саҳ. 85) нишон дода шудааст, ки тамоми соҳаҳои фаъолият наметавонанд аз меъёр камтар андоз супоранд. Хуб мешуд, ки дар баробари нишон додани сатҳи миёнаи гаронии андоз, пешниҳодҳо роҷеъ ба татбиқи амалӣ гаштани он байён мегардид;

8. Дар зербоби 3.2. роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 141-162) ба таври мукаммал оварда шуда, ояндабинии рушди низоми андоз дар кишвар ҳангоми ба инобат гирифтани пешниҳодот сурат мегирад. Вале ҳангоми нишон додани пай дар пайии татбиқи натиҷаҳои муҳими овардашуда дар зербоби мазкур, метавонад, сифати корро аз ин ҳам болотар намояд. Зеро пешниҳодоти мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонад дар қабули барономаи маъмурикунонии андоз истифода гардад.

Дар маҷмуъ диссертатсия, пажӯҳиши мубрами рӯз буда, таҳқиқоти ҷиддӣ ва анҷомдодашуда ҳисобида мешавад, ки саҳми мустақилияти муаллифро дар ҳали масъалаҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович ҳамчун кори илмии баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсия ва асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба маҳакҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия ва ташхиси он дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021. № 267) ҷавобгӯ аст. Рисолаи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудан ва санҷиши диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионй, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия бо забони фаҳмо ва бо истифодаи истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии батабърасонидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷахои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ гардидааст.

**Хулоса**

Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи "Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ки пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонй, асоснокии муқаррарот, хулоса ва пешниҳодҳо, аҳамияти таҳқиқот барои илми иқтисодӣ ва амалияи андозбандӣ гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 36, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (протоколи №1 аз 13- уми августи соли 2024) баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. Дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и., дотсент** **Раҷабов К.Р.**

**Эксперт:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Қурбонов А.Р.**

Котиби ҷаласа:
**н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Шоназарзода Н.Ш.**

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½.
**Тел:** +992(37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46, **Email:** tguk@mail.ru
**Имзоҳои Р.К. Раҷабов, А.Р. Қурбонов А.Р., ва Шоназарзода Н.Ш.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.**